**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-29**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

ТАҚРИЗ

ба автореферати Назар Муъмин Абдуҷалол дар мавзӯи “Адолати иҷтимоӣ дар назария ва амалияи ҳаёти ҷамъиятӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 - фалсафаи иҷтимоӣ (илмҳои фалсафӣ)

Тадқиқоти диссертатсионии Назар Муъмин Абдуҷалол ба яке аз масъалаҳои мубрами замони муосир бахшида шудааст, ки он заминаҳои амиқи таърихӣ дошта, бо дарназардошти равандҳои ҷаҳонишавӣ ва табаддулоти назарраси сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангии имрӯз мазмун ва моҳияти махсус ба худ касб кардааст. Аслан, ин мавзӯъ дар таҳлил ва арзёбии раванди ташаккул ва такомули низомҳои сиёсию иҷтимоии ҷомеаи инсонӣ аз дирӯз то ба имрӯз калидист. Ба ҳамин муносибат муаллифи тадқиқоти мазкур дуруст қайд менамояд, ки адолати ичтимоӣ на фақат ченаки иқтисодӣ дорад, балки ифодагари чунин арзишҳое мебошад, ки ҳар як низоми муайяни иҷтимоӣ баҳри таъмини суботи хеш татбиқи онро пайгирӣ менамояд. Вобаста ба сатҳи амалигардонии чунин ҳадаф, низомҳои иҷтимоӣ ҷонибдорони худро пайдо мекунанд, ниёзҳои ҳаётии одамонро қонеъ месозанд ва ҳамкорию ҳамзистии осоиштаро байни қишрҳои гуногун ба вуҷуд меоранд.

Албатта, омӯзиш ва таҳлили дурусти ин мавзӯъ бархурди комплексиеро, ки ба пажӯҳишҳои илмӣ ва методологияи муосир асос ёфтааст, тақозо менамояд, зеро дар доираи танҳо як замина ва ё қаринаи маҳдуд мавриди баррасӣ қарор додани он натиҷаҳои дилхоҳро ба бор намеорад. Зарур аст, ки мафҳуми адолати иҷтимоӣ ва моҳияти назариву амалии он дар доира ва алоқамандии зич бо илмҳои мухталифи бахшҳои

сиёсию иҷтимоӣ, фаласафию ҳуқуқӣ ва таърихию равоншиносӣ баррасӣ гардад. Омӯзиш ва таҳлили мафҳуми адолати иҷтимоӣ аз ҳамин нуқтаи назар ва пайвастани он ба воқеиятҳои замони муосир, аз ҷумла раванди ташаккул ва такомули низоми сиёсию иҷтимоии Тоҷикистони соҳибистиқлол арзиши илмию амалии тадқиқоти диссертатсионии мазкурро ба маротиб боло мебарад. Бояд гуфт, ки муаллифи диссертатсия аз уҳдаи чунин вазифаи илмӣ ба хубӣ баромадааст. Сохтор ва муҳтавои тадқиқоти диссертатсионӣ низ ба талабот ҷавобгӯ мебошанд. Дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсия, ки дар шакли рисола (як рисола) ва мақолаҳои илмӣ (18 мақола) ба нашр расидаанд, низ тасдиқи ин гуфтаҳоянд.

Аммо диссертатсияи мазкур аз камбудиҳо низ холӣ нест. Масалан, диссертант дуруст қайд менамояд, ки агарчи чомеаи шаҳрвандӣ моҳиятан ба давлат вобаста нест, вале он бо давлат робитаи зич дорад ва маҳз кафолатҳои ҳуқуқии давлат ба амалӣ гардидани фаъолияти ниҳодҳои чомеаи шаҳрвандӣ мусоидат менамоянд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ташаккули ҷомеаи озоди шаҳрвандӣ ҳамеша талош менамояд ва барои иштироки фаъоли он дар ҳалли масъалаҳои муҳимми давлативу ҷамъиятӣ манфиатдор мебошад. Ҷомеаи шаҳрвандӣ, дар навбати худ, дар ҳалли чунин масъалаҳо фаъолона иштирок намуда, дар чустуҷӯи роҳҳои татбиқи адолати ичтимоӣ бар нафъи тамоми сокинони мамлакатамон саҳми арзанда мегузорад. Аммо, мутаассифона, нақш ва рисолати аслии ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди эҷод ва таъмини адолати иҷтимоӣ ба таври бояду шояд баррасӣ ва натиҷагирӣ нашудааст. Албатта, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҳамкорӣ бо сохторҳои давлатӣ дар ҳаллу фасли масъалаҳо ва мушкилиҳои асосии ҷомеа мусоидат менамоянд ва саҳмгузоранд (анҷоми хизматрасониҳои иҷтимоӣ/оказание социальных услуг), аммо чунин тарзи гузориши масъала арзиш ва моҳияти аслии ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандии кишварро маҳдуд месозад.

Ба муаллифи диссертатсия лозим буд, ки ҷанбаҳои дигари ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандиро, аз қабили баланд бардоштани сатҳи маърифати умумии шаҳрвандию ҳуқуқии аҳолӣ барои таъмини адолати иҷтимоӣ, назорат ва коҳиш додани сатҳи фасод ва қонуншиканиҳо ва ғайра мавриди баррасӣ қарор диҳад.

Норасоиҳои мазкур дар умум ҳангоми баҳодиҳии мусбати тадқиқоти диссертатсионӣ нақши муайянкунандаро намебозанд ва танҳо шаҳодати он мебошанд, ки масъалаҳои баррасишаванда хеле муҳим буда, мураккаб ва баҳснокaccess ва Назар Муъмин дар ҳалли баъзе аз масъалаҳо дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳои мухталиф нуқтаи назари худро пешниҳод намудааст, ки он хоси гузаронидани тадқиқоти илмӣ мебошад. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона анҷом дода шуда, дорои ягонагиии дохилӣ мебошад. Автореферат дар умум мазмуни диссертатсияро инъикос менамояд.

Диссертатсия кори илмии тахассусии анҷомёфта буда, натиҷаҳои он барои рушди илми фалсафа дар маҷмӯъ ва махсусан фалсафаи иҷтимоӣ аҳамият доранд. Муаллифи он Назар Муъмин сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 - фалсафаи иҷтимоӣ (илмҳои фалсафӣ) мебошад.

Сарходими илмии шуъбаи Аврупо ва
Амрикои Институти омӯзиши масъалаҳои
давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ,
доктори илмҳои сиёсӣ Каримов Ш.Т.

“Имзои Каримов Ш.Т.-ро тасдиқ мекунам”
Нозири калони кадрҳои Институти омӯзиши
масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ Зуҳуров А.Я.
10.08.22с

ШУЪБАИ КАДРҲО

*Суроға:*
*Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ*
*(734925, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33)*
*Тел.: 935701780, E-mail: shamskarimov14@gmail.com*